# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

.

Бо Фармоиши Директори Агентии омори
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28.04.2010. №12 тасдиқ карда шудааст

**Ба махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои Шумо кафолат дода мешавад**

## Дастурамал

## Оид ба тартиб додани ҳисобот дар бораи фурӯш ва бақияи молҳо аз рӯи шакли №3 - савдо

### 1. Нишондодҳои умумӣ

1. ҳисобот аз рӯи шакли №3-савдо дар бораи фурӯш ва бақияи молҳо дар анборҳо ва дар шабакаҳои чакана аз рӯи гурӯҳи молҳо тибқи феҳрасти муқарраршуда аз тарафи ҳамаи ташкилотҳои соҳаи савдо, новобаста аз шакли моликият, аз ҷумла ташкилотҳои давлатӣ ва кооперативӣ, (ҷамъиятҳои истеъмолӣ), ҳамчунин шабакаҳои фирмавӣ ва вазорату идораҳои саноатӣ барои як сол тартиб дода мешавад.

Дар асоси ҳисоботи мазкур андозаи фурӯши чаканаи молҳо тавассути шабакаҳои фурӯши чакана (бе хӯроки умумӣ) муайян карда мешавад. Корхонаҳои хӯроки умумӣ (каҳвахона, тарабхона, ошхона ва ғайраҳо) хаҷми фурӯши чаканаи молро тавассути чакана (молҳои харидшуда) муайян мекунанд.

2. Дар шакли ҳисоботи 3-савдо нишондиҳандаҳо танҳо дар бораи фурӯш ва бақияи мол дар охири давраи ҳисобот пешбинӣ шудаанд. Аммо корхонаҳои савдо, ки дар тарози (баланси) мустақил қарор доранд ва ташкилотҳои аввалияи савдо барои тайёр кардани ҳисобот дар бораи ҳаракати мол дар шакли тарози савдо аз рӯи нақшаи зерин маълумотҳоро пурра тайёр мекунанд:

а) захираи молҳо дар аввали давраи ҳисобот;

б) воридоти мол дар давраи ҳисобот;

в) хароҷоти ҳуҷҷатӣ кардашуда, ки молгардиши чакана ҳисоб намешаванд;

г) фурӯши чакана ва дигар хароҷоти ҳуҷҷатӣ нашуда;

д) захираи молӣ дар охири давраи ҳисобот.

Андозаи фурӯши чакана аз рӯи гурӯҳи молҳо бо роҳи хулосабарорӣ (тарозӣ) аз рӯи формулаи а + б - в - д = г муайян карда мешаванд.

Мӯътамадӣ ва ҳуҷҷатӣ асоснок будани маълумотҳо дар бораи молҳои захиравӣ, воридот ва хароҷоти ҳуҷҷатӣ кардашудаи молҳои ҷудогона барои таъмини дурусти маълумотҳо дар бораи андозаи фурӯши чаканаи молҳои алоҳида аҳамияти муҳим дорад.

3. Барои муттаҳид намудани молҳо ба гурӯҳи молӣ ба таври ҷиддӣ рӯйхати молҳоро ба роҳбарӣ гирифтан лозим аст, зеро дар он номгӯи муфассали молҳои ба ин ё он гурӯҳ дохилшуда нишон дода мешаванд.

4. Дар ҳисоботи шакли 3-савдо набояд арзиши зарфҳои шишагин ҳамроҳ карда шавад, яъне нархи молҳои дар зарфҳои шишагин воридшуда ва фурӯхташаванда (шир ва

маҳсулоти ширӣ, консерваҳои гӯштин, сабзавоту мева, меваю бутамева, машрубот, оби ҷав, нӯшокиҳои бе спирт ва ғайраҳо) бояд бе ин зарфҳо ва борҷомаҳо ба ҳисоб гирифта шаванд.

5. Дар тарози молӣ танҳо ҳаракати молҳое, ки барои савдои чакана пешбинӣ шудаанд, инъикос карда мешаванд. Аммо маълумотҳо дар бораи бақия, воридот ва содироти ашёи хом ва маводҳое, ки барои коркард пешбинӣ шудаанд, ба ҳисоб гирифта намешаванд. Масалан; орде, ки барои тайёр кардани нонпазӣ; матоъҳо барои коркарди саноатӣ; масолеҳи сохтмонӣ, сӯзишворӣ, таҷҳизот ва дигар маводҳо. ҳамчунин маълумотҳо дар бораи бақия, воридот ва хароҷоти маҳсулоти кишоварзӣ дар нуқтаҳои маҳсулоттайёркунӣ; маҳсулоти кишоварзии тайёр, ки аз шабакҳои маҳсулоттайёркунӣ барои фурӯш ба шабакаҳои савдо дода шудаанд, ҳамчун маҳсулоти воридшуда ҳисоб карда мешаванд.

6. ҳисобот бо нархҳои чакана тартиб дода мешаванд, агар захираҳои молӣ дар анборҳои захира бо нархҳои харид ё арзиши аслӣ ба ҳисоб гирифта шаванд, дар он сурат барои ворид кардан ба тарози (баланси) молӣ зарур аст, ки онҳо пешакӣ аз рӯи нархҳои чакана аз нав ҳисоб карда шаванд.

7. **Ба таркиби молҳои захиравии шабакаи чакана дохил карда мешаванд:**

мавхудияти амалии молҳо дар шабакаҳои чакана (мағозаҳо, дӯконҳо, дорухонаҳо, дӯкончаҳо ва дар шабакаҳои майдафурӯшӣ), ҳамчунин дар мағозаҳои хурди яклухтфурӯшӣ ва захираҳо (базаҳо), анборҳои молтақсимкунӣ, анборҳои мева ва сабзавот;

мавҷудияти амалии молҳо, захираҳо дар (базаҳо) ва анборҳо, ки ба ташкилотҳои чаканафурӯшӣ тааллуқ доранд; дар ин маврид молҳои захиравии анборҳо ва захираҳои (базаҳои) иттифоқи ҷамъиятҳои матлубот ба ҳисоботи ҷудогона аз рӯи шакли 3-савдо (иттифоқи ҷамъиятҳои матлубот) ба ҳисоб гирифта мешаванд;

молҳое, ки барои аз нав коркард дода шудаанд ва дар санаи ҳисобот дар корхонаҳои истеҳсолӣ ҳамчун хусусӣ қарор доранд ва чӣ ба дигар ташкилотҳо тааллуқ доранд.

8. Дар захираҳои молии савдои чакана тамоми захираи молҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки ба ташкилоти савдо тааллуқ доранду дар тарози вай ба ҳисоб гирифта шудаанд, барои савдои чакана пешбинӣ шудаанд.

9. Ба таркиби захираҳои молии шабакаи чакана **дохил карда намешаванд**:

молҳое, ки дар роҳ мебошанд;

маҳсулоти тайёр дар корхонаҳои истеҳсолии ёрирасони ташкилотҳои савдо;

молҳои таъминкунанда, ки ташкилоти мазкури савдо барои нигоҳдории масъулӣ қабул кардааст (бо забонхати амонатӣ);

молҳое, ки бо комиссияи ташкилоти давлатӣ ва савдои кооперативӣ аз аҳолӣ қабул кардашудаанд;

зарфи холии ҳамаи намудҳо-сахт, нарм ва шишагин;

зарфи ҳамаи намудҳо, ки бо мол банд мебошанду дар савдои чакана қарор доранд.

10. Ба мадохилоти молҳо **молҳои амалан воридшуда** дохил карда мешаванд, ки дар анборҳо ва дар шабакаи савдои аввалияи ташкилоти савдо аз берун, ворид шудаанд, ба истиснои ҷойивазкунии дохилии молҳо байни корхонаҳои савдои ҳамаи ташкилоти аввалияи савдо қарор доранд.

Дар ҳар кадом гурӯҳи молӣ воридшавӣ аз манбаъҳои зерин ба ҳисоб гирифта мешавад:

бевосита аз таъминкунандаҳо мустақиман аз рӯи қарордод ё ба воситаи транзит;

хариди мустақилонаи молҳо (аз моликони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ташкилотҳои кишоварзӣ, саноати маҳаллӣ);

аз нав коркарди молҳое, ки ба ташкилоти мазкури савдо тааллуқ доранд (костюмҳо ва болопеш (палто) аз газворҳо);

аз корхонаҳои тайёркунандаи худӣ, ки ба ташкилоти мазкури аввалияи савдо тааллуқ доранд (гузаронидани молҳо-тайёршуда аз ҳисоби «молҳо ва зарфҳои тайёршуда» ба ҳисоби «молҳо ва зарфҳои корхонаҳои чаканафурӯшӣ»);

аз дигар ташкилотҳо ва корхонаҳои савдо ба тартиби хариди яклухт;

аз хоҷагиҳои ёрирасони кишоварзии худӣ, корхонаҳои саноатӣ, аз он ҷумла аз заводҳои нонпазӣ;

пули нақди устохонаҳо барои таъмир, ҳамчунин барои дӯхтани инфиродии маснуот барои аҳолӣ аз маводи фармоишгар;

11. Дар баъзе мавридҳо ташкилотҳои савдо молҳоро ба ташкилотҳои чаканафурӯшӣ, муассисаҳо, колхозҳо ва ба корхонаҳо бевосита аз корхонаи истеҳсолии худашон ё аз анборҳои молтаъминкунандаҳо бе ҳамлу нақл ба шабакаи савдо мефурӯшанд, масалан, маҳсулоти нону булка; картошка, сабзавот, шир ва ғайра маҳсулот, ки ба муассисаҳои бачагона, табобатӣ ва ба дигар муассисаҳо бевосита аз корхонаи нонпазӣ, совхозҳо, ба хоҷагиҳои ёрирасон, ба иттиҳодияҳои истеҳсолию маҳсулоттайёркунӣ ва ба корхонаҳо бароварда мешаванд.

Фурӯши ин молҳо низ бевосита аз истеҳсолот бояд ба фурӯши чаканаи гурӯҳҳои молии дахлдор ҳамроҳ карда шавад. Бо ин роҳ гардиши устохонаҳо аз рӯи дӯхти инфиродии либос, пойафзол ва аз рӯи таъмир, ки пештар ҳамчун хароҷоти ҳуҷҷатӣ кардашуда ба ҳисоб гирифта мешуданд, инъикос карда мешавад.

**Эзоҳот**: Дар савдои чакана ҳисоб аз рӯи фурӯши молҳо аз тарафи ташкилотҳо, муассисаҳо, корхонаҳо (ба ном гардиши хурду яклухт) навишта мешавад. Вале ин хароҷоти ҳуҷҷатӣ кардашуда (молгардиши хурду яклухт) қисми тартибии молгардиши чакана мебошад.

12. Дар ташкилотҳои кооператсияи истеъмолӣ ҷамъбасти сутуни 1 аз ҳисоби арзиши зарфҳои шишагин, ки бо мол фурӯхта шудаанду ба шабакаи савдо барнамегарданд, инчунин талафот ва камомад метавонад ба молгардиши чакана мувофиқат накунад.

13. Корхонаҳои савдо (мағозаҳо, хаймаҳо) ҳисоботро тартиб медиҳанд ё ҳисоботро пур мекунанд ё китоби сабтро дар бораи захираи молҳо дар охири ҳар семоҳа (сол) пур мекунанд. Агар дар охири семоҳа (сол) барейхатгирии (инвентаризатсияи) захираи молҳо дар ташкилотҳои савдо гузаронида шуда бошад, дар ин сурат ҳисобот дар асоси номнависи инвентаризатсияҳои бо роҳи ҳисоби молҳои алоҳида аз рӯи гурӯҳи молҳо тартиб дода мешавад; ҳангоми муттаҳид кардани молҳо ба гурӯҳҳои молӣ аз рӯйхати молӣ истифода кардан лозим аст.

Агар инвентаризатсияи захираҳои молӣ дар охири семоҳа (сол) гузаронида нашуда бошад, дар он сурат корхонаи савдои чакана (мағоза, хайма ва дигарҳо) ҳисоботро дар бораи захираҳои молӣ бо роҳи ҳисоби фаврии бақияҳо аз рӯи ҳар кадом гурӯҳи молӣ, ки дар феҳрасти амалкунанда пешбинӣ шудааст, тартиб медиҳад.

Аз рӯи анбори молҳо ҳисобот дар бораи захираҳои молӣ дар асоси маълумотҳои ба ҳисобгирии умумӣ-миқдори муҳосибавии молҳо тартиб дода мешавад.

14. Барои тартиб додани ҳисоботи ҷамъбастӣ дар бораи захираҳои молӣ, дар ташкилотҳои аввалияи савдо сохтани ҷадвали коркард барои гурӯҳҳои молии ҷудогона ва қисматҳои сохтории ташкилотҳои савдо мувофиқи мақсад хоҳад буд.

15. Бо мақсади тадбиқу хорӣ намудани ба ҳисобгарӣ ва таъмини маълумотҳо дар бораи мадохилоти молҳо тавсия дода мешавад, ки дар ташкилотҳои аввалияи савдо ба ҳисобгирии хории молҳо мутобиқи гурӯҳҳои ҷудогонаи молӣ ба роҳ монда шавад, дар ҳоле, ки санаи ҳар кадом воридшавии молҳо ва миқдори ҳуҷҷатҳои воридшавӣ дар рӯзи воридшавии молҳо қайд карда мешавад. Аз рӯи ҳар кадом гурӯҳи молӣ маблағи умумии воридот дар як рӯз ҳисобу китоб карда мешавад. Ҷамъбасти умумӣ аз рӯи ҳамаи гурӯҳҳои молӣ, ба маблағи умумӣ, ки дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба қайдгирӣ дар як рӯз нишон дода шудааст, бояд баробар бошад. ҳангоми пеш бурдани баҳисобгирӣ ҳамаи воридшавии молҳо ба ташкилоти савдо, чӣ ба анбори мол, чӣ бевосита ба шабакаи савдо, мустақиман ба савдо ворид шудани молро ба ҳисоб гирифтан лозим аст.

Гарчанде пули нақд барои таъмир, инчунин барои дӯхтани инфиродии либос барои аҳолӣ аз маводи фармоишгар ба молгардиши чакана ҳамроҳ карда мешавад, зарур аст, ки маблағи пули нақди зикршударо низ мувофиқи гурӯҳи молии дахлдор дар воридшавии мол ба ҳисоб гирифта шавад; тавсия дода мешавад, ки чунин сабт як маротиба дар як моҳ анҷом дода шавад.

16. Фасли мустақили ҳисобот «ҳисобот дар бораи фурӯши молҳо ва бақияи молҳои фарҳангӣ ва таиноти хоҷагӣ» мебошад.

Маълумотҳои дар бораи фурӯши молҳо аз рӯи ҳамон усуле муайян карда мешавад, ки дар шакли №3-савдо нишон дода шудааст, яъне бо роҳи тароз (баланс): фурӯш баробар аст ба бақияҳои аввали давра, ҷамъи воридот, тарҳи хароҷоти ҳуҷҷатӣ кардашуда ва бақия дар охири давра.

Бояд ба назар гирифт, ки дар ин фасл маълумотҳо оид ба ҳамаи молҳо бе арзиши қисмҳои эҳтиётӣ ва таъмир нишон дода мешаванд. Ба ин муносибат аз рӯи чунин гурӯҳи молӣ, аз қабили соатҳо, велосипедҳо, мапедҳо, мотороллерҳо, мотосиклҳо ва дигар маълумотҳои ин фасл аз маълумотҳои дахлдори гурӯҳи молҳои фасли «ҳисобот дар бораи фурӯш ва бақияи молҳо» кам мешаванд.

Маълумотҳо дар бораи мадохилоти молҳо бояд ба таври ҷиддӣ ба ҳуҷҷатҳои ба қайдгирии молҳо (ҳисобгирӣ, борхатҳо, акти масраф ва дигар актҳо) мувофиқат кунанд. Аз рӯи ҳар кадом мол мадохилот аз манбаъҳо ба ҳисоб гирифта мешавад;

аз ташкилоти болоии худ;

бевоситаи аз мол таъминкунандаҳо;

17. ҳисоботи тартиб додашударо роҳбари ташкилот имзо мекунад, поёнтар ному насаби тартибдиҳандаи ҳисобот ва рақами телефони ӯ нишон дода мешавад.

Ғайр аз ин, дар бораи миқдори мағозаҳо ва дигар корхонаҳои савдои чакана, ки дар савдо фаъолият доранд то охири сол тасдиқнома (справка) тартиб дода мешавад.

Барои дурустии маълумотҳо ва риояи мӯҳлати пешниҳоди ҳисобот роҳбари ташкилоти ҳисобдиҳанда ҷавобгар мебошад.